«Тасдиқ менамоям»
Сардори Хадамоти назорати
давалатӣ дар соҳаи меҳнат,
муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ
_____________С. Маҳмадзода
«___» «_____» соли 2025

**Саволномаи**

озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ.

1. Меҳнат ва муносибатҳои ба он марбут аз кадом моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд ва барои шаҳрвандон чигуна ҳуқуқҳо кафолат дода шудааст?
2. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маълумоти муфассал диҳад?
3. Принсипҳои асосии хизмати давлатӣ ва моҳияти онҳоро шарҳ диҳед?
4. Дар бораи муқаддасоти миллӣ маълумот диҳед?
5. Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ аз 12 майи соли 2007, №254) ва рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶТ аз 28 июли соли 2006, №192) маълумот диҳед?
6. Хусусиятҳои давлати Тоҷикистонро мувофиқи Конститутсия номбар кунед?
7. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ҳуқуқу ӯҳдадориҳои хизматчии давлатӣ аз чӣ иборат аст?
8. Маҳдудиятҳо дар хизмати давлатиро номбар намоед?
9. Мақомотеро, ки кормандонашон ба хизмати давлатӣ дохил мешаванд номбар намоед?
10. Таъминоти нафақаи хизматчии давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» чӣ гуна амалӣ мешавад?
11. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро номбар намоед?
12. Ҳадди ақали музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кадом тартиб муқаррар мегардад ва айни ҳол ба кадом андоза муқаррар карда шудааст?
13. Дар бораи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳед?
14. Вазифаҳои асосии Хадамот тибқи Низомномаи он аз чи борат аст?
15. Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳед?
16. Дар бораи Кодекси одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ маълумот диҳед?
17. Давомнокии рухсатии меҳнатии асосӣ ва иловагии хизматчии давлатӣ бо кадом тартиб муайян карда мешавад?
18. Дар бораи Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ маълумот диҳед?

19. Дар бораи Конвенсияҳои эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансуб ба меҳнат ва бехатарии он мебошанд, маълумот диҳед?

20. Бо кадом мақсад ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад?

21.Дар бораи моддаҳои 18 ва 19 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳед?

22. Манбаъҳои танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқаманд кадомҳоянд?

23. Шакл, низом ва андозаи музди меҳнат аз тарафи кӣ ва чӣ гуна муқаррар карда мешавад?

24. Шаклҳои пардохти музди меҳнатро номбар намоед?

25. Мафҳуми шартномаи меҳнатиро шарҳ диҳед?

26. Давомнокии вақти мӯътадили корӣ чанд соат дар давоми ҳафта муқаррар шудааст?

27. Намудҳои рухсатиро номбар кунед?

28. Ба собиқаи кор, ки барои рухсатии меҳнатии ҳарсола ҳуқуқ медиҳанд чиҳо дохил мешаванд?

29. Оид ба тартиби ҳисоб кардани музди миёнаи меҳнат маълумот диҳед?

30. Мақсади бастани созишномаҳои коллективии соҳавӣ, минтақавӣ ва шартномаи коллективӣ аз чӣ иборатанд?

31. Ҳангоми гузаронидани корманд ба кори доимии каммузд ба корманд чӣ гуна кафолат дода шудааст?

32.Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №197 «Дар бораи Номгӯи соҳаҳо, истеҳсолот, кор, касб ва вазифаҳо (мансабҳо), шароити пешниҳод ва давомнокии рухсатӣ барои собиқаи кории давомнок» маълумоти мухтасар диҳед?

33. Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, №55 «Дар бораи андозаи иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо (вазифаҳо), васеъ шудани доираи хизматрасонӣ (зиёд шудани ҳаҷми корҳои иҷрошаванда) ё иҷрои уҳдадориҳои корманди муваққатан ба кор ҳозирнабуда барои ташкилотҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда» маълумоти мухтасар диҳед?

34. Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 октябри соли 2020, №547 «Дар бораи Номгӯйи кормандони рӯзи кориашон ба меъёр гирифтанашудаи ташкилотҳои давлатӣ ва давомнокии рухсатии иловагии кормандони мазкур» маълумоти мухтасар диҳед?

35. Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2020, №458 «Дар бораи Тартиби муайян намудани музди меҳнати баланд барои корҳои вазнин, корҳо дар шароити меҳнати зарарнок ва махсусан зарарнок» маълумоти мухтасар диҳед?

36. Дар бораи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2020, №460 «Дар бораи шароит, тартиб ва андозаи пардохти иловапулӣ барои корҳои дорои хусусияти сайёр ва усули вахтавӣ» маълумоти мухтасар диҳед?

37.Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи муҳоҷират» маълумоти мухтасар диҳед?

38. Кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар кадом ҳолатҳо сурат мегирад?

39. Кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ) аз як минтақа ба минтақаи дигар дар кадом ҳолатҳо амалӣ карда мешавад?

40. Мақсад аз муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) дар чист?

41. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» маълумот диҳед?

42. Мафҳуми шуғл ва бозори меҳнат чиро ифода мекунад?

43. Бекор кист ва чӣ гуна муайян карда мешавад?

44. Оиди кӯмакпулӣ ҳангоми аз кор озодшавӣ маълумот диҳед?

45. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Дар бораи рӯзҳои ид» маълумоти мухтасар диҳед?

46.Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» маълумоти мухтасар диҳед?

47. Дар бораи намуд ва шаклҳои мурофиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маълумот диҳед?

48.Тартиби пешниҳоди мурофиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва баррасии онҳо чӣ гуна аст?

49. Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» маълумот диҳед?

50. Бо кадом мақсад санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор гузаронида мешавад?

51. Дар бораи моддаҳои 32 ва 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» маълумот диҳед?

52.Мутобиқи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти назорат дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро мутобиқи кадом моддаҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд?

53.Тартиби баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро тибқи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ диҳед?

54.Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» маълумот диҳед?

55.Мамониятҳоро барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» номбар намоед?

56.Тарҷумаи ҳолатонро бо забони русӣ ва ё бо забони англисӣ нақл кунед?

57.Қобилияти кор карда тавонистанро бо барномаҳои компютерии Microsof-Word Excel, инчунин истифодаи сомонаҳои интернетии Вазорат ва Хадамот нишон диҳед?

Замима
ба саволномаи озмун

Саволҳои иловагӣ ба саволномаи озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мутобиқи тавсияи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

1.Дар бораи ҳуқуқи инсон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда шавад?

2.Масъалаи арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шавад?

3.Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода шавад?

4.Ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, тасниф карда шаванд?

5.Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қонунҳо) ва барномавӣ (консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо) доир ба ҳуқуқи инсон номбар карда шаванд?

6.Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008, №372 «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маълумот пешниҳод карда шавад?

7.Дар бораи сохтор ва вазифаҳои асосии мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда шавад?

8.Механизмҳои (роҳҳои) миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон номбар карда шаванд?

9.Дар бораи Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2021, №565 тасдиқ карда шудааст, маълумоти мухтасар пешниҳод карда шавад?

10.Дар бораи Эъломияи Куруши Кабир ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии таърихии миллӣ оид ба ҳуқуқи инсон маълумот пешниҳод карда шавад?

11.Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вобаста ба соҳаи ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, номбар ва шарҳ дода шаванд?

12.Дар бораи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар маълумоти мухтасар пешниҳод карда шавад?

Мувофиқа карда шуд:

Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва назорат ____________ П. Ҷумъазода